# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсияи номзадии Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон» ба масъалаи хеле мубрам бахшида шудааст. Бояд қайд намуд, ки ислоҳоти ҳуқуқӣ-сиёсӣ дар самти ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон дар Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз гардида, пайваста дар ҳолати рушд аст. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии муҳофизати кӯдак дар сатҳи дахлдор таъмин аст. Зеро, қонунгузории гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои кӯдакро ба таври намоён кафолат медиҳанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (аз 2 августи 2011с., №762) аз зумраи ҳуҷҷатҳои муҳиме мебошад, ки хусусият ва моҳияти бузурги иҷтимоӣ ва маънавӣ дошта, дар таълиму тарбияи маънавӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кӯдакон нақши муассирро доро мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мубрам арзёбӣ гардидани таҳқиқи ҳуқуқи кӯдак ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба пуррагӣ мавриди омӯзишу тадқиқот қарор нагирифтааст ва корҳои илмӣ-тадқиқотии бунёдӣ низ дар ин бахш ҷой надоранд. Бо вуҷуди рӯи нашр омадани баъзе аз мақолаву монографияҳои илмӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, намояндагони риштаҳои мухталифи илмӣ дар пайвандӣ ба мавзӯи

таҳқиқотӣ, паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкур аз нигоҳи илмӣ моҳиятан баррасӣ ва ҳал нашудааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯзаи инкишофи давлатдории миллӣ бо дарназардошти таъсирҳои раванди ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ беш аз пеш эҳсос мегардад.

Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакро дар Тоҷикистон такмил дода, барои рушди падидаи мазкур мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Рисола фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми апрели соли 2017, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

7. Диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

8. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сарходими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

– Кенҷаев Шӯҳратҷон Юсуфович, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ.

– Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе) таъин карда шавад.

9. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

10. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор — Насриддинзода Э.С.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор — Шарофзода Р.Ш.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент — Гадоев Б.С.